ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Ҷумхурии Точикистон 734025. ш. Душанбе, к. Шевченко 69 тел (372) 221-18-35 факс 21-75-25

# ФАРМОИШ

аз «05» 09 соли 2019, №657 ш. Душанбе

Оид ба ҷорӣ намудани озмоиши фаврӣ
ҷиҳати дарёфти сирояти вируси норасоии
масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
бо усули худтесткунонӣ

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи глобалии Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам (UNAIDS) ҷиҳати дастрасии бештари аҳолӣ ба озмоиши вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. “Дастурамали методӣ оид ба тарзи гузаронидани озмоиши фаврии вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунонӣ” ва “Алгоритми худтесткунонии сирояти вируси норасоии масунияти одам. Муайянсозии ҳодисаҳои сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни шарикони ҷинсии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда” тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).
2. Озмоиши фаврӣ бо усули худтесткунонӣ ҷиҳати дарёфти сирояти вируси норасоии масунияти одам дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар байни шарикони ҷинсии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда ва нашъамандони тазриқӣ ҷорӣ карда шавад.
3. Гузаронидани озмоиши фаврӣ бо усули худтесткунонӣ ҷиҳати дарёфти сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои алоҳида ва осебпазири аҳолӣ дар марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО, ташкилотҳои ҷамъиятии шарикони Филиали ташкилоти ҷамъиятии байналхалқӣ “Популейшн Сервисес Интернэшнл” (PSI) ва Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «Афиф», ки дар самти пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ фаъолият доранд, тибқи тартиби муқарраргардида анҷом дода шавад.

4. Ба сардорони раёсатҳои амнияти санитарию эпидемиологӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмаки фаврии тиббӣ (Воҳидов С.Д.) ва директори Муассисаи давлатии “Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО” (Каримов С.С.) супориш дода шавад:

- озмоиши фавриро бо усули худтесткунонӣ ҷиҳати дарёфти сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои алоҳида ва осебпазири аҳолӣ арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намоянд;
- дар якҷоягӣ бо шарикони рушд масъалаи тайёр намудани мутахассисонро дар муассисаҳои тандурустӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба гузаронидани маслиҳатдиҳии пеш аз тесткунонӣ ва интихоби шахсоне, ки бо усули худтесткунонӣ аз озмоиши сирояти вируси норасоии масунияти одам мегузаранд, чораҳои зарурӣ андешанд;
- барои дастрасии ниёзмандон бо маводҳои таълимӣ ва видеороликҳо оид ба тарзи гузаронидани усули худтесткунонӣ дар якҷоягӣ бо шарикони рушд чораҳои зарурӣ андешанд.

5. Ба сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Бекмуродзода С.Б.) супориш дода шавад, ки ҷиҳати амалисозии озмоиши фаврии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунонӣ танҳо воридшавӣ ва истифодаи бастаи махсуси тести ташхисиро, ки дар Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО” раванди валидатсияро гузаштаанд, мусоидат намояд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Камолзода М. гузошта шавад.

Вазир — Н. Олимзода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

**Мувофиқа карда шуд:**

Муовини вазир ________________ Камолзода М.

Мудири Бахши котибот ________________ Аминов О.Т.

04.09.2019с.

Сардори Шӯъбаи ҳуқуқ ________________ Рабиев Ш.М.

Сардори Раёсати амнияти санитарию эпидемиологӣ,
ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмаки фаврии тиббӣ ________________ Воҳидов С.Д.

**Иҷрокунанда:**

Сармутахассиси Раёсати
АСЭ,ҲФ ва КФТ ________________ Салимов Ф.Ҳ.

Замимаи 1
бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» _____ с. 2019, №______
тасдиқ карда шудааст

“Дастурамали методӣ
оид ба тарзи гузаронидани озмоиши фаврии вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунонӣ” ҷиҳати озмоиши фаврии вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунонӣ

1. Худтесткунонӣ ҷиҳати муайянсозии сирояти ВНМО - амалиёте мебошад, ки инсон худаш намунаро (луоби даҳон, моеъ ва ё хун) аз худаш гирифта, озмоиши сирояти вируси норасоии масунияти одамро мегузарад ва аз натиҷааш огоҳ гашта, бохабар мешавад. Худтесткунонӣ ҷиҳати муайянсозии сирояти ВНМО, ин усул барои нигоҳ доштани махфият маҳсуб меёбад. Бо ҷорӣ намудани ин усул ҳатто шахсоне, ки умуман хоҳиши ба муассисаҳои дахлдор муроҷиат карданро надоранд, метавонанд аз ин хизматрасонӣ истифода баранд.

2. Худтесткунонӣ ҷиҳати муайянсозии сирояти ВНМО бе кӯмаки дигарон, ин амалиёте мебошад, ки шаҳрванд ҳангоми худтесткунонӣ танҳо аз баста ва дастурамалҳои истифодабарии истеҳсолкунандаи тест истифода мебарад. Инчунин, шаҳрванд метавонад аз маълумоти иттилоотию видеоӣ, телефонҳои боварӣ, ки дар бастаи тестӣ суроға ва номгӯи телефони онҳо нишон дода шудааст, истифода барад.

3. Худтесткунонӣ ҷиҳати муайянсозии сирояти ВНМО бо кӯмаки бевосита ин амалиёте мебошад, ки корманди махсуси омӯзондашудаи пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ ва ё маслиҳатчии баробар ба шаҳрванд тарзи гузаштан ва натиҷагирии тестро то ва ё ҳангоми худтесткунонӣ ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Ин амалиёт илова бар дастурамалҳо ва маводҳое, ки дар бастаи тестӣ ҳастанд, пешниҳод карда мешавад.

4. Гурӯҳҳои аҳолӣ, ки ба онҳо озмоиши фаврии сирояти ВНМО бо усули худтесткунонӣ тавсия дода мешаванд: шаҳрвандони Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони бешарвандӣ ва хориҷӣ новобаста аз ҷинс ва аз синни 18 сола боло. Дар доираи амалишавии лоиҳаҳое, ки аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд, фарогирии гурӯҳҳои нисбати сирояти ВНМО хатари баланддошта ва осебпазири аҳолӣ, аз қабили нашъамандони тазриқӣ, шарикони ҷинсӣ ва шарикони тазриқии истифодабарандагони маводҳои нашъадори шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, ҷавонон, муҳоҷирон ба таври ройгон бо ин усул ба роҳ мондан мешавад. Шахсоне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд ва ё табобати зиддиретровирусиро қабул менамоянд, набояд аз ин тестҳо истифода баранд.

5. Бартарияти озмоиши фаврӣ ҷиҳати муайянсозии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунонӣ ин васеъ намудани доираи пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба ташхиси ВНМО дар байни аҳолӣ, бахусус дар байни гурӯҳҳои нисбати сирояти ВНМО хатари

баланддошта ва осебпазир, ихтиёрӣ ва риояи махфият, ба даст овардани натиҷа дар мӯҳлати кӯтоҳ, сарфаи вақт, сарфа ва хароҷоти нақлиётӣ барои ташриф ба муассисаи соҳаи тандурустӣ, баланд бардоштани савияи дониш ва масъулияти шаҳрванд нисбати саломатии худ мебошад.

6. Норасогиҳои озмоиши фаврии сирояти ВНМО бо усули худтесткунонӣ: ин на ба ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дастрас будани усул, набудани дастрасии озод, хавфи расонидани зарар ва ё худкушӣ ҳангоми ба даст овардани натиҷаи ташхис, нодуруст истифода ва натиҷагирии тест, имконпазир набудани ҷамъоварии ҳисобот, набудани дастгирӣ ва гаронии арзиши тестҳо мебошанд.

7. Талабот ба дастурамали бастаи тестӣ барои гузаронидани худтесткунонӣ. Дастурамал бояд бо забони фаҳмо барои шахси озмоишшаванда ва бо расмҳое, ки пайдарпайи зинаҳои гузаронидани худтесткунониро тасвир мекунанд, навишта шуда бошад. Дар дастурамал суроға ва рақами телефони марказҳои дастгирӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ба амалисозии ин усул вобастаанд, бояд дарҷ шуда бошанд. Инчунин, ба сомонаҳои интернетие, ки дар онҳо маводҳои видеоӣ оиди тарзи гузаронидани худтесткунонӣ сабт гардидааст, бояд ишора карда шаванд. Дар навбати худ ташкилотҳои масъул бояд дар давраи амалисозии лоиҳаҳо дар ин самт фаъолияти телефонҳои боварӣ, маслиҳатдиҳии шабонарӯзӣ ва кори сомонаҳои ёрирасонро таъмин намоянд.

8. Тартиби ҷамъоварии ҳисобот дар бораи худтесткунонӣ. Дар умум, ба ифшо намудани натиҷаи худтесткунонӣ на он қадар диққати ҷиддӣ дода мешавад. Агар савияи дониши шаҳрванд оид ба сирояти ВНМО зиёд бошад, вай дар бораи натиҷаи худтесткунонӣ ба роҳнамои баробар ва ё шахсе, ки ба ӯ бастаи тестиро дастрас кардааст, маълумот медиҳад. Дар бисёр ҳолатҳо дар дастурамал тарзи ба таври махфӣ маълумот додани натиҷаи тест ва аз рамзи шахсӣ истифода бурдан, нишон дода шудааст. Аз дигар тараф, ҳар қадар маслиҳатдиҳии пеш аз тесткунонӣ аз тарафи роҳнамои баробар ва ё масъули паҳнкунандаи тестҳои худтесткунонӣ ба таври пурра ва дурусту босифат гузаронида шавад, ҳамон қадар эҳтимолияти бозгашти шаҳрванд барои озмоишҳои иловагӣ зиёд мешавад. Аз ин рӯ, баъди додани тест ба шаҳрванд бояд бо шаҳрванд ҳамкории зичтар карда шавад. Вохӯриҳои минбаъда метавонанд ба ифшо (фош ё овоза кардан) гардидани натиҷаи тест оварда расонанд.

9. Таъмини шароити бехатар. Аз сабабе, ки худтесткунонӣ амалиёти фардӣ мебошад ва ҳангоми гузаронидани ташхис танҳо бо луоби даҳон алоқамандӣ мешавад, хатари пасти биологӣ вуҷуд дорад ва таъмини шароити бехатар ҳангоми худтестикунонӣ бояд риоя карда шавад. Новобаста аз ин, истифодаи дастпӯшакҳо, шӯстани дастон, безараркунӣ ва дуруст нобуд сохтани партовҳо тавсия дода мешавад.

10. Арзёбӣ ва баҳодиҳӣ. Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО” ва зерсохторҳои он дар ҷойҳо дар асоси системаи арзёбӣ ва баҳодиҳии мавҷудбуда озмоиши фаврӣ ҷиҳати муайянсозии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунониро дар сатҳи миллӣ ва маҳалҳо арзёбӣ менамоянд.

медиҳад, маслиҳат мекунад (масалан, шаҳрванд ба ташкилоти ҷамъиятӣ меояд ва ё роҳнамои баробар ба шаҳрванд занг мезанад). Агар ба маслиҳат ва як фикр оянд, ки роҳнамои баробар ба шаҳрванд бояд занг занад, дар ин ҳолат вақти занг задан пешакӣ мувофиқа карда мешавад.

3. Шаҳрванд ба шарики худ бастаи тести таъҷилии ташхиси ВНМО ва маводҳоро дода, ба ӯ дастур медиҳад.

4. Шарики шаҳрванд шаҳрванд мустақилона аз ташхиси ВНМО бо усули худтесткунонӣ гузашта, натиҷаи озмоиши худро мефаҳмад.

5. Агар шарик дар бораи натиҷаи худтесткунонии худ ба шаҳрванд хабар диҳад, дар ин ҳол шаҳрванд моҳияти натиҷаи тести ӯро ба вай мефаҳмонад.

6. Агар натиҷаи худтесткунонии мустақилонаи шарик <u>манфӣ</u> бошад, шаҳрванд ба шарик дар бораи зарурияти дубора гузаштан аз ташхисро баъди 6 моҳ ва эҳтимоли гирифтани дастгирӣ дар ташкилоти ҷамъиятиро ба ӯ мефаҳмонад.

7. Агар натиҷаи худтесткунонии мустақилонаи шарик <u>мусбӣ</u> бошад, шаҳрванд ба шарик дар бораи зарурияти гузаштани тести тасдиқкунанда дар маркази ВНМО дар доираи алгоритми миллӣ ва гирифтани кӯмаки лозимӣ дар ташкилотҳои ҷамъиятиро ба ӯ мефаҳмонад.

8. Роҳнамоии баробар аз шаҳрванд маълумот дар бораи худтесткунонии шарикаш (вобаста аз он, ки чӣ хел роҳнамои баробар бо шаҳрванд маслиҳат намудааст) мегирад. Маълумоти бадастомада дар корти шаҳрванд аз рӯи гуфтаҳои шаҳрванд гузаронида мешавад.

9. Агар шарик барои гузаштани тести дубора ташрифро ба ташкилоти ҷамъиятӣ рад намояд, шаҳрванди роҳнамои баробар ӯро то ба Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО барои гузаштани тести тасдиқкунанда ҳамроҳӣ намуда, дар ин бора ба корманди ташкилоти ҷамъиятӣ хабар медиҳад.

10. Агар натиҷаи тести тасдиқкунандаи шарик мусбӣ барояд, шаҳрванд шарики худро дар бораи эҳтимоли гирифтани дастгирӣ аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маълумот медиҳад, инчунин, суроға ва рақами телефонҳои кормандони ташкилотҳои ҷамъиятиро ба вай медиҳад.

11. Агар шарик барои гузаштани тести дубора омаданро ба ташкилоти ҷамъиятӣ қабул намояд, шаҳрванди роҳнамои баробар ӯро то ба ташкилоти ҷамъиятӣ ҳамроҳӣ менамояд. Дар ташкилоти ҷамъиятӣ шарик маълумотномаи розигиро ба имзо расонида, аз маслиҳатдиҳии пеш аз тестӣ гузашта, дубора аз ташхиси таъҷилии ВНМО бо истифодаи намунаи луоби даҳон мегузарад.

12. Агар натиҷаи ташхис мусбӣ нишон диҳад корманди ташкилоти ҷамъиятӣ ба шарик маслиҳатдиҳии баъди тестӣ гузаронида, барои гузаштани тести тасдиқкунанда дар марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО мусоидат менамояд. Дар чунин ҳолат, маълумот дар бораи тесткунонӣ ҳамчун тесткунонии шаҳрванд ба қайд гирифта мешавад (новобаста аз он, ки ӯ усули худтесткунониро истифода бурдааст ё не).

Замимаи 2
бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «05» 09 с. 2019 № 697
тасдиқ карда шудааст

“Алгоритми
худтесткунонии сирояти вируси норасоии масунияти одам. Муайянсозии ҳодисаҳои сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни шарикони ҷинсии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда”
вобаста ба озмоиши фаврӣ ҷиҳати муайянсозии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунонӣ

1. Роҳнамои баробари омӯзондашуда ҳангоми маслиҳатдиҳӣ ба шахсони бо ВНМО зиндагикунанда (ШВЗ) пешниҳод менамояд, ки шарики ҷинсӣ ё тазриқии худро барои ташхиси ВНМО ба ташкилоти ҷамъиятӣ таклиф намояд. Агар шахси бо ВНМО зиндагикунанда барои овардани шарики ҷинсӣ ва ё тазриқии худ қобилият надошта, иҷрои ин амалро надорад ва ё ҳарос дошта бошад, дар ин маврид раҳнамоии баробар усули ҷалби якҷояи шарикро (ҷалби алоқаи бевосита, якҷоя ва созишнома) пешниҳод менамояд. Агар бо сабабҳои гуногун бо усули ҷалби якҷоя шарики ҷинсӣ ё тазриқии худро ба машварат ва ташхис ҷалб карда нашавад, дар ин ҳолат ба шаҳрванд усули ташхиси худтесткунонӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми маслиҳатдиҳӣ, инчунин таҷрибаи рафтори хавфнок, санаи гузаштани шаҳрванд аз маслиҳатдиҳӣ ва тесткунонӣ ва натиҷаи ташхис аниқ карда мешавад.

2. Агар шаҳрванд озмоиши фавриро ҷиҳати муайянсозии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо усули худтесткунонӣ интихоб намояд:

а) Роҳнамои баробар, ба шаҳрванд бастаи худтесткуниониро барои ба шарики худ расонидан месупорад. Баста иборат аст аз:

- Тести таъҷилии ВНМО бо усули луоби даҳон.
- Дастурамали тарзи истифодабарии тести таъҷили ВНМО бо усули луоби даҳон бо расмҳояш.
- Маводҳо дар бораи ВНМО, маслиҳатдиҳӣ ва тесткунонӣ, табобати зиддиретровирусӣ (ТЗРВ).
- Рифола.
- Суроға ва рақами телефони ташкилоти ҷамъиятӣ ва ё роҳнамои баробар.

б) Роҳнамои баробар бо шаҳрванд дар бораи кадом маълумотро пеш аз гузаштани худтесткунонӣ ба шарик пешниҳод намудан, ҳангоми натиҷаи мусбӣ кадом амалро иҷро намуданро муҳокима менамояд.

в) Роҳнамои баробар бо шаҳрванд оид ба гузаронидани худтесткунонӣ, тарзи дурусти хондани натиҷаи тестро дастур медиҳад ва бояд боварӣ ҳосил кунад, ки шаҳрванд ин маълумотҳоро дуруст фаҳмидааст.

г) Роҳнамои баробар бо шаҳрванд дар бораи чӣ тавр ӯ ба роҳнамои баробар маълумот дар бораи ташхиси худтесткунонии шарикаш маълумот

## Арзёбӣ ва баҳодиҳии дастрасии шарикони ШВЗ ба ташхиси мустақилонаи ВНМО

Ҳисобот оид ба худтесткунонии шарикони ШВЗ
(заруриро ишора намоед)

1. Шаҳрванд тести фаврии ВНМО-ро барои ба шарикаш расонидан гирифт

2. Ҷинси шарик мард зан

3. Синну сол

4. Шарик аз тести мазкур истифода бурдааст

5. Аз гӯфтаи шаҳрванд натиҷаи тест:

мусбӣ манфӣ номуайян

6. Шарик натиҷаи тесташ ро медонад

Нишондодҳои миқдорӣ :

1. Шумораи шаҳрвандоне, ки усули худтесткунониро интихоб карданд ва тести таъҷилӣ гирифтанд__________.
2. Шумораи шариконе, ки аз ташхиси таъҷилии ВНМО бо усули худтесткунонӣ гузаштаанд __________ (аз ҷумла мард _______ , зан _______).
3. Шумораи шариконе, ки аз ташхиси таъҷилии ВНМО бо усули худтесткунонӣ дар синну соли зерин гузаштанд :

   18-19 сола__________
   20-29 сола __________
   30-39 сола __________
   40-49 сола __________
   50-59 сола __________
   60 ва боло __________
4. Шумораи шариконе, ки аз рӯи гӯфтаи шахрвандон ҳангоми худтесткунонӣ оид ба ВНМО:

   натиҷаи мусбӣ ____________________
   натиҷаи манфӣ ____________________
   натиҷаи номуайян _________________ гирифтаанд.